## ПАЁМИ ТАБРИКИИ РАИСИ НОХИЯИ ЗАФАРОБОД МУРОДЗОДА МУКИМ КАЮМ БАХШИДА БА 34-СОЛАГИИ ИСТИКЛОЛИ ДАВЛАТИИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

Санаи 9-уми сентябр мардуми кишвари азизамон чашни Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистонро тачлил менамоянд. Ин санаи муборак дар таърихи навини миллати точик хамчун тавлиди давлат и точикон сабт гардидааст.

Шумо хамдиёрони азизро бо хушхоливу сарфарозӣ аз номи Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ба истикболи сазовори чашни махбуби миллат, 34-умин солгарди Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон табрику тахният гуфта, бароятон сулху осоиш, фатху нусрат, икболи баланд ва барору комёбихои беназирро таманно менамоям.

Мавриди зикр аст, ки тахти сарварии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон Истиклоли комили давлатӣ ба даст омада, таъриху тамаддуни бою рангини мардуми точик ба чахониён муаррифӣ гардид ва бахри расидан ба хадафхои неку созанда заминахои мусоид фарохам оварда шуд. Дар зарфи 34 сол мо падидаву омилхои сиёсиву таърихӣ ва ичтимоиву фархангии миллиро дар мархилахои гуногуни таърихи халкамон омӯхта, бо назардошти тачрибаи давлатсозиву давлатдории кишвархои пешрафтаи чахон рохи эъмори давлати демократӣ, хукукбунёд ва дунявиро пеш гирифтем. Ба шарофати Истиклол халки мо сохиби рамзхои давлатӣ - Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардид.

Бо тадбики сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат имрӯз кишвари азизи мо аъзои комилхукуки Созмони Миллали Муттахид буда, бо чандин кишвархо, ки дар ин ё он арса ахд ва манфиатхои муштарак доранд, хамкорӣ менамояд. Ташаббусхои дурандешонаи Рохбари давлати точикон дар халли масъалахои мушкилоти чахонии обу иклим, ки аз минбари бонуфузи Созмони Миллали Муттахид давоми ду дахсолаи охир пешниход

шуданд, аз тарафи Ассамблеяхои Генералии ин Созмон кабул гардиданд ва он боиси ифтихори точикистониён ва тамоми точикони чахон гардидааст.

Доир ба сазовор ва дар сатхи баланд тачлил намудани чашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон дар нохияи Зафаробод накшаи чорабинихо дар хачми 590 банд ба маблаги 112 милиону 706 хазор сомонӣ ва бо таъсиси 776 чойи корӣ тартиб дода шуда, тасдик карда шудааст. Бо дастгирихои Рохбари давлат ва Хукумати чумхурӣ дар нохия корхои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати ин санаи фархунда бо маром идома дорад. То ба имрӯз аз 590 банди накша - чорабинихои тасдикгардида 547 банд ба маблаги 126 миллиону 980 хазор сомонӣ бо таъсиси 703 чойи корӣ ичро гардид, ки 93 фоизи накшаи тасдикгардидаро дар бар мегирад.

Бо дарназардошти он ки заминхои нохия танхо тарики мошинӣ обёрӣ мегарданд ва пойгоххои обрасонӣ, ки солхои 60-уми асри гузашта сохта ба истифодадода дода шуда буданд хеле фарсуда гардидаанд, соли 2024-ум аз тарафи Хукумати чумхурӣ ба нохия як адад агрегати нави обкашӣ ворид ва пайваст карда шуд.

Соли чорӣ бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат боз ду агрегати пуриктидори нави обрасонӣ барои пойгоххои обкашии “Мирзочӯл-1” ва “Мирзочӯл-2” харидорӣ ва ба нохия ворид карда шуданд. Сокинони нохия аз икдоми Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон хеле хушхол гардида, азм доранд, ки мавсими чорӣ ва солхои минбаъда натичахоро дар хамаи самтхои сохаи кишоварзӣ, аз чумла пахтакорӣ афзун намоянд.Дар ин лахзахои тантанавӣ ман аз номи Макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ ва кулли сокинони нохия ба Хукумати Чумхурии Точикистон, Макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд, сохибкорону саховатмандон чихати хиссагузорӣ дар раванди ободкориву созандагии нохия миннатдорӣ баён менамоям.

Бо ибрози волотарин арзишхои неъмати бебахои таърих - Истиклоли давлатӣ, ки рохи дурахшони миллати тамаддунофари точикро боз намуд, бори дигар Шумо хамдиёрони азиз ва кулли сокинони нохияро самимона табрику муборакбод намуда сихатмандиву сарбаландӣ, файзу нусрати зиндагиро дар хонадони хар яки шумо таманно менамоям.

Бигзор нури хуршеди Истиклол фазои мусаффои Точикистонро абадан мунаввар сохта, чавхари тобноки он рузгори хар сокини кишварро файзбор намояд.

**Поянда бод сулху вахдат хамдиливу хамбастагӣ ва нерӯи созандаи халки точик!**

**Чашни фархундаи 34-солагии Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон муборак, хамдиёрони азиз!**